Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кӯч. Нахимов 64-14

# ТАҚРИЗ

## БА АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯИ МУМИНЗОДА АБДУКАРИМ ДАР МАВЗУИ "МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯ (ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ОН), КИ БА ҲИМОЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 08.00.07 - МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ ПЕШНИҲОД ШУДААСТ

Дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ суғурта бо вазъи макроиқтисодии кишвар робитаи ногусастанӣ пайдо мекунад. Имрӯз дар шароите, ки иқтисод ба таври устувор рушд мекунад, низоми суғуртавӣ низ имкони тавсеа меёбад, вале дар ҳолати бухронӣ бозори суғурта ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мегардад. Аз нуқтаи назари институтсионалӣ, суғурта маҷмуи ташкилотҳо ва қоидаҳоест, ки муносибатҳои суғуртавиро танзим менамоянд. Он ҳамчун унсури ҷудонашавандаи низоми иқтисодӣ амал карда, вазифаи асосии он ҳифзи ҷомеа аз хавфҳои эҳтимолӣ мебошад. Суғурта, сарфи назар аз тағйироти иқтисодӣ, фаъолияти худро идома медиҳад, зеро талабот ба он ҳамеша боқӣ мемонад. Дар баробари ин, он қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити навро дошта, аҳаммияти худро дар ҳама гуна вазъият нигоҳ медорад.

Аз нигоҳи муаллиф суғурта дар Тоҷикистон дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ мавқеи пастро ишғол мекунад, ки ин барои рушди комили он монеа эҷод мекунад. Дар баробари ин, имкони истифодаи тамоми потенсиали соҳаи суғурта барои таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодии кишвар вуҷуд надорад. Ин вазъият аз сатҳи номукаммали механизмҳои танзиму назорати давлатии соҳаи суғурта, ки аз ҷониби мақомотҳои дахлдор роҳандозӣ мегардад, бармеояд. Масалан, муносибати системавӣ ҷиҳати бартараф кардани муаммои

такроршавии вазифаҳо, набудани асосҳои консептуаливу илмии қабули қарорҳои идоракуниву танзим ва ғайра мушоҳида мешавад.

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи соҳаи суғурта такмил додани низоми танзим ва назорати давлатӣ муҳим аст. Ин маънои онро дорад, ки пеш аз ҳама, аз нав дида баромадан ва нав кардани қонунҳое, ки ба андозбандӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар соҳаи суғурта дахл доранд, инчунин фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самараноки ширкатҳои суғурта бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ ва дастгирии соҳибкорон дар шароити хавфҳои иқтисодӣ зарур аст.

Дар автореферати диссертатсияи Муминзода Абдукарим алоқамандии институтҳои танзим ва худтанзимкунии фаъолияти суғуртавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, таъкид шудааст, ки асоси таъсиррасонии давлат ба фаъолияти суғуртавиро баҳисобгирии таъсири қувваҳои бозор ташкил медиҳад ва дар робита ба ин, танзими давлатӣ ва шаклҳои бозории худташкил аз ҳамдигар вобастаанд.

Истифодаи натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф дар амалия метавонад ба рушди минбаъдаи фаъолияти суғуртавӣ такон дода, ба ин васила дар рушди босуботи соҳа ва иқтисоди миллиро дар оянда таъмин намояд.

Ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти илмӣ дар он ифода мегардад, ки муаллиф муқарраротҳи назариявӣ ва методологӣ оид ба мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир ва таҳияи чораҳои илмӣ ва амалӣ оид ба беҳтар намудани онҳоро илман асоснок кардааст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии таҳқиқотро фарогир мебошанд.

Дар умум автореферати диссертатсия ҳалли вазифаҳои гузоштащударо бо таври пурра инъикос менамояд.

Бо вуҷуди он, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шуда бошад ҳам, дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд.

1. Дар ҷараёни таҳлил, бархе аз нишондиҳандаҳои ҷадвалҳо танҳо ё қисман баррасӣ шудаанд, ки ин зарурати таҳқиқи муфассалтарро тақозо мекунад.

2. Хуб мешуд агар дар автореферати диссертатсия масъалаҳои вобаста ба таҳкими маблағгузории фаъолияти суғуртавӣ низ инъикос меёфтанд, зеро он яке аз омилҳои калидии рушди устувори бозори суғурта ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои дар боло зикршуда на он қадар ҷиддӣ буда, арзиши илмиву назариявии авторефератро паст намекунанд.

Автореферати диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он), дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Тақризнавис:
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор
ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода З.Ф.

Суроға:734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
к. Н. Қарабоев 63/3, тел: +992988948888,
E-mail: rzoir@mail.ru

Имзои ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор Раҳмонзода З.Ф.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорат Абдуназаров А.Ҷ.